*УДК 821.21/22.0*
*DOI 10.24412/3005-849X-2024-4-59-68*

***РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗӢ АЗ НИГОҲИ АДАБИЁТШИНОСОНИ ТУРК***

***Ҳайдаров Фахриддин Наботович,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

***ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АМИРА МУИЗЗИ ГЛАЗАМИ ТУРЕЦКИХ ЛИТЕРАТУРОВЕДОВ***

***Хайдаров Фахриддин Наботович,*** *канд. филол. наук, доцент кафедры истории таджикской литературы ТНУ (Душанбе, Таджикистан)*

***THE LIFE AND WORK OF AMIR MUIZZI THROUGH THE EYES OF TURKISH LITERARY CRITICS***

***Haydarov Fakhriddin Nabotovich,*** *candidate of Philology, associate professor of the department of the history of Tajik literature under TNU (Dushanbe, Tajikistan)* ***e-mail:*** *gulrukhsor_78@list.ru*

*Таҳқиқи рӯзгор ва осори шоири тоҷику форс Муиззӣ дар адабиётшиносии турк мавриди баррасӣ қарор дода шуааст. Дар натиҷаи баррасии масъалаи мавриди назар муаллиф иброз медорад, ки рӯзгор ва ашъори Муиззӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст ва як гуруҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Дар ин миён рисолаи «Дунёи шеъри Муиззӣ»-и Гёкҳан Гёкменро метавон аз корҳои нисбатан мукаммали муҳаққиқони турк дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ шумурд. Таъкид шудааст, ки баъзе муҳаққиқони турк, аз ҷумла Аднан Қараисмоилоғлу аз чӣ бошад, ки шоирро турк номида, мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст ва муаллифони «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» низ дар бораи ӯ маълумот дода ишора менамоянд, ки шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Ҳол он ки мо девони ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте, ҳатто мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.*

***Калидвожаҳо***: *шоири тоҷику форс Муиззӣ, адабиётшиносии турк, Салҷуқиён, рӯзгори шоир, девони ашъор*

*Рассматриваются жизнь и творчество таджикско-персидского поэта Муиззи в турецком литературоведении. Отмечается, что жизнь и литературное наследие Муиззи привлекли внимание турецких литературоведов и о его жизни и творчестве написаны отдельные статьи и монографии. В частности диссертацию Гёкхана Гекмена «Мир поэзии Муиззи» можно считать одной из наиболее полных работ турецких исследователей по изучению жизни и творчества поэта. Подчёркивается, что некоторые турецкие исследователи, в том числе Аднан Караисмаилоглу, бездоказательно относят поэта к тюркам и утверждают, что он тюркского происхождения, но, помимо стихотворений на арабском языке, Муиззи писал стихи и на персидском. Авторы «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» также указывают, что в свою эпоху он был известным турецким поэтом, одним из придворных поэтов султана Малик-шаха и обладателем титула «Амирушшуаро» - «Эмир поэтов», однако в диване его стихов, дошедшем до наших дней и содержащем более 18 600 бейтов, не обнаружено ни одного бейта на турецком языке.*

***Ключевые слова:*** *персидско-таджикский поэт Муиззи, турецкое литературоведение, Сельджуки, жизнь поэта, сборник стихов*

*The article examines the life and work of the Tajik-Persian poet Muizzi in Turkish literary criticism. It is noted that the life and literary heritage of Muizzi attracted the attention of Turkish literary scholars and separate articles and monographs were written about his life and work. In*

*particular, Gökhan Gökmen's dissertation "The World of Muizzi's Poetry" can be considered one of the most complete works by Turkish researchers on the study of the poet's life and work. It is emphasized that some Turkish researchers, including Adnan Karaismailoğlu, baselessly classify the poet as a Turk and claim that he is of Turkic origin, but in addition to poems in Arabic, Muizzi also wrote poems in Persian. Authors of "VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati" they also point out that in his era he was a famous Turkish poet, one of the court poets of Sultan Malik Shah and the holder of the title "Amirushshuaro" - "Emir of Poets", however, in the divan of his poems, which has reached our days and contains more than 18,600 beits, not a single beit in Turkish was found.*

***Key-words****: Persian-Talik poet Muizzi, Turkish literary studies, Seljuks, poet's life, book of poetry*

Рӯзгор ва ашъори амир Муиззии Нишопурӣ – амирушшуарои дарбори султон Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст ва як гурӯҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Аз ҷумлаи адабиётшиносони машҳури турк профессор А*днан Қараисмоилоғлу роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори маҳфузмондаи Муиззӣ изҳори андеша менамояд. Вай дар мақолаи «Шеър ва шоир дар дарбори Салҷуқиён» дар қатори шоирони дигар роҷеъ ба рӯзгори амир Муиззӣ низ бо овардани маълумоти мухтасар ишора менамояд, ки т*ахминан соли 440 (1048-49) дар Нишопур таваллуд шудааст. Падари ӯ амирушшуарои султон Алп Арслони Салҷуқӣ Абдумалик Бурҳонӣ буд. Вай ба сабаби тахаллуси Маликшоҳ «Муиззуд-дунё вад-дин» тахаллуси Муиззӣ гирифт. Муиззиро дар қатори чанд шоири муҳимми давраи классикӣ дар адабиёти Эрон меҳисобад ва бо андаке тағйирот суханони Муҳаммад Авфиро дар хусуси мақоми Муиззӣ нақл карда, иброз медорад, ки бо файзу баракати ҳокимон Муиззӣ мисли Рӯдакӣ дар замони Сомониён, Фаррухии Систонӣ ва Унсурӣ дар замони Ғазнавӣ зиндагии осуда ба сар бурдааст [16, 133-139].

Номбурда *дар мақолаи* дигари худ зери унвони «Баррасии назми туркии давраи классикӣ» Муиззиро узви дарбори Салҷуқиён мешуморад, зеро падараш Бурҳонӣ шоири султон Алп Арслон буд. Давраи кӯдакии Муиззӣ низ дар доираи дарбори Салҷуқиён гузаштааст. Илова бар ин, давраи беш аз панҷоҳ соли умри худро бо султон Маликшоҳ ва султон Санҷар сипарӣ намудааст.

Аз шоирони пешқадами давра амир Муиззӣ, Умар Хайём (ваф. 1130-1136), Азрақӣ (ваф. 1083-1084), Саноӣ (ваф. 1131), Адиб Собир (ваф. 1151-1152), Амъақи Бухороӣ (ваф. 1149), Анварӣ (ваф. 1168), Маҳастӣ (ваф. асри 12), Абдулвосеи Ҷабалӣ (ваф. 1160), Саид Ҳасани Ғазнавӣ (ваф. 1170) ва Абӯтоҳир Хотунӣ (ваф. 1134-1137) буданд, ки бо қасри Салҷуқиён робита доштанд [12, 40-66].

Мавсуф дар китоби «Энсиклопеияи ислом» низ дар бораи Муиззӣ маълумоти мухтасар медиҳад, ки бештар такрори қавли муаллиф аз мақолаҳои болозикр мебошад, аз ҷумла дар хусуси зодгоҳи ӯ шаҳри Нишопур, марги падараш, хидмати ӯ дар дарбори Маликшоҳ ва Санҷар ва амсоли он. Изҳороти Авфиро, ки ӯ дарҳол бо хӯрдани тир фавтидааст, ба воқеият мувофиқ намешуморад, зеро шоир дар қисматҳои гуногуни девони худ ба ин воқеа ишора кардааст.

Муиззӣ бо сабки самимӣ ва соддаи худ аз Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ фарқ мекунад. Вай дар ашъораш истифодаи калимаҳои осонфаҳмоdo афзалтар медонад. Истифодаи мавзуъ ва мафҳуми тозаи ӯ низ ба рушди ғазал мусоидат кардааст [13, 98].

Мавсуф дар мақолаи «Шеъри давраи Салҷуқиён ва шоир Муиззӣ» мегӯяд: Шоир Муиззӣ аз Нишопур аст, ҳарчанд дар баъзе маъхазҳо аз Нисо ё Самарқанд будани ӯ сабт шудааст. Номи пурраи ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ мебошад. Муиззӣ

дар атрофи қаср ба воя расидааст, зеро падараш шоир Абдумалики Бурҳонӣ малик-уш-шуарои султон Алп Арслон (соли 455-465/1063-1072) буд.

Давраи Салҷуқиёнро давраи рушду таҳаввули шеъри форсӣ мешуморад ва ишора менамояд, ки ин давраест, ки дар шеър хусусиятҳои нав пайдо мешавад ва ин ҳолат танҳо ба шеъри форсӣ дахл дорад.

Ба қавли муаллиф Амир Муиззӣ, бо вуҷуди шоири дарбор будан дар ашъораш гоҳ-гоҳ арзишҳои мазҳабӣ, тавхид қасидаҳо ба назар мерасад.

Ҳамзамон, дар бораи махсусиятҳои шеъри Муиззӣ – махсусан ғазалиёташ сухан ронда, дар охир аз чӣ бошад, ки ӯро турк номида мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст [15, 71-78].

Аднан Қараисмоилоғлу дар мақолаи дигари худ зери унвони «Фарҳанг ва адабиёт дар давраи Низомулмулк» дар баробари нақли рӯзгори Низомулмулк ва авзои адабии ин замон дар робита ба рӯзгори Муиззӣ як байт аз Фаррухӣ ва байте чанд аз Муиззиро, ки бо ишора ба «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ суруда шудаанд, иқтибос меорад ва сипас суханони Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканиро, ки дар иртибот ба зери пои амирони туркзабон хорузор кардани Рустам, Исфандиёр ва дигар рамзҳои миллии эронӣ Муиззиро мавриди накуҳиш қарор додааст, қобили қабул намешуморад ва қаҳрамонони сутудаи Муиззиро аз ҳисоби сулотину амирони салҷуқӣ арзандаи он мақому ҷоҳ меҳисобад [14, 411-420].

Профессор Осман Юзгуденли дар мақолаи «Ашъори форсии ба султонҳои салҷуқӣ бахшидашуда» дар маҷмуъ дар бораи ашъори мадҳиявии шоирони дарбори Салҷуқиён маълумот дода, ишора менамояд, ки султонони салҷуқӣ, ки аслан намояндагони анъанаҳои даштӣ буданд, дере нагузашта, забони форсиро қабул карда, ба адабиёти он шинос шуданд. Салҷуқиён ба олимону нависандагон, фаъолияти илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ сарпарастӣ мекарданд ва ба рушди он ҳиссаи калон гузоштанд. Махсусан, султон Санҷар, ки яке аз тавонотарин ҳокимони давлати бузурги Салҷуқиён буд, ба шеъру шоирӣ аҳаммияти хос медод. Таваҷҷуҳ ва муносибати ӯ бо шоирон дар сарчашмаҳои зиёде зикр шудааст. Давраи султон Санҷарро  яке аз дурахшонтарин даврахои адабиёти Эрон метавон ҳисобид.

Сипас дар бораи амир Муиззӣ маълумот дода, аз ҷумла ҳикояи Низомии Арӯзиро аз «Чаҳор мақола» ба таври мухтасар нақл карда, ишора менамояд, ки ин воқеа дар як нусхаи девони амир Муиззӣ дар Девони Ҳинд каме тафовут дорад ва ба навъе зикр шудааст, мувофиқи он дар охири моҳи рамазон, чун султон Санҷар моҳро нахуст дид, Муиззӣ рубоӣ гуфт ва ин рубоӣ Санҷарро бисёр писанд омад ва яке аз аспҳои зебои худро ба Муиззӣ ҳадя кард... [17, 39-67].

Эфе Йешилдурак соли 2015 дар мавзӯи «Ҳаёти илмӣ ва зеҳнии Салҷуқиён дар замони ҳукмронии султон Санҷар» (1098-1157) рисолаи магистрӣ иншо менамояд ва дар ин рисолаи худ ишора менамояд, ки: «Агар ба шоирони давра нигарем, Абуабдуллоҳ Муҳаммад б. Абдулмалик Муиззӣ (ваф. 1124) яке аз шоиронест, ки дар ҷавонӣ амир-уш-шуаро шуд ва пас аз марги Маликшоҳ ба хизмати султон Санҷар даромад. Дар ашъораш сабки фикрӣ ва фалсафӣ вуҷуд надорад, балки бештар дар сабки васф аст.

Ва ӯро дар асоси кадом далел бошад, ки аз барҷастатарин шоирони мадеҳасаро медонад, бахусус онҳое, ки ба форсӣ ва туркӣ шеър эҷод кардаанд (Efe Yeşildurak. - 2015), ҳол он ки дар ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте ё худ мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад [20, 54].

Ҳакан Яман дар мақолаи «Анвои вазн дар девони Муиззӣ» бо овардани маълумоти мухтасар амирушшуаро Абӯабдуллоҳ Муҳаммад б. Абдулмалик Муиззии Нишопуриро аз шоирон ва файласуфони маъруфи Хуросон мешуморад, ки дар Нишопур тахминан солҳои 440 (1048-1049) таваллуд шудааст. Падараш Абдулмалик Бурҳонӣ, амирушшуарои султон Алп Арслон буд. Сипас, вобаста ба муайян намудани бахр ва авзони шеъри шоир 454 қасида,

61 ғазал, 6 таркиббанд ва 1 мусамматро мавриди баррасӣ қарор дода, хулоса менамояд, ки аз ашъори мавриди назар 35,05% дар баҳри рамал, 19,73% дар баҳри ҳаҷаз, 18,97% дар баҳри муҷтасс, 18,39% дар баҳри музореъ, 2,68% дар баҳри мутақориб, 2,30% дар баҳри хафиф, 1,53% дар баҳри мунсареҳ, 0,58% дар баҳри раҷаз, 0,58% дар баҳри сареъ ва 0,19% дар баҳри басит суруда шудаанд [19, 43-48].

Мавсуф тарҷеъбандҳои шоирро низ таркиббанд шуморидааст (дар девони шоир 3 таркиббанд ва 3 тарҷеъбанд ба назар мерасад) ва ҳамзамон, бо назардошти он ки 12 қасида, 175 рубоӣ ва 34 қитъаи шоир аз назари муҳаққиқ дур мондааст, эҳтимол меравад, ки муҳаққиқ ашъори шоирро ба пуррагӣ мавриди пажуҳиш қарор надодааст.

Муаллифони китоби дарсии «Адабиёти турк дар асрҳои VIII-XIII» дар бораи Муиззӣ чунин маълумот пешниҳод менамоянд: Муиззӣ (соли вафоташ - 1126), шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амириушшуарои даврони худ буд. Қариб ҳамаи қасидаҳои ӯ барои сулолаи Салҷуқиён навишта шудаанд ва дар бораи фарҳанг, таърих ва ҷуғрофияи турк маълумоти муҳим медиҳанд. Дар қасоиди ӯ бахусус дар бораи давраи Маликшоҳ далелҳои зиёде мавҷуданд. Дар ситоишҳои худ қаҳрамонони мифологии эрониро бо хокимони Салҷуқӣ муқоиса ва онҳоро хор карда, салҷуқиёнҳоро боло мегузорад. Аз ҷониби муаррихони адабиётшиносии Эрон сахт интиқод шуда, ки «Ӯ ҷуз поймол кардани қаҳрамонони миллии эронӣ дар зери пои султонҳои Салҷуқӣ, ки онҳоро ситоиш мекард, коре накардааст [21, 84].

Профессор Алӣ Темизел дар мақолаи «Шоир ва шеър дар замони Низомулмулк» услуби ин давраро номи сабки хуросонӣ ва кӯшишҳо барои зинда нигоҳ доштани онро яке аз муҳимтарин вижагиҳои ин давра медонад. Дар даврони Салҷуқиён шоирон дар илму тамаддун аз паҳлуҳои мухталиф ва дар шинохту инъикоси вазъиятҳои иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар баробари баёни рӯзгори мухтасари як қатор шоирони замони Низомулмулк аз Амир Муиззӣ низ ёд мекунад.

Аз ҷумла дар хусуси Муиззӣ мегӯяд: Абуабдуллоҳи амирушшуаро, ки аз намояндагони шеъри ситоиш ба шумор меравад, Муҳаммад б. Абдулмалики Нишобурӣ шоири даврони Салҷуқиён аст. Тақрибан 440/1048-49 дар Нишопур таваллуд шудааст. Муиззӣ аз ҷумлаи чанд шоири барҷастаи давраи классикӣ дар адабиёти Эрон аст. Агарчи таъсири шоироне чун Фаррухии Систонӣ, Унсурӣ ва Манучеҳрӣ ба назар мерасад, бо услуби хос ва одии худ аз онҳо фарқ мекунад. Масъуди Саъд, Саноӣ, Сӯзанӣ, Муҳаммад бин. Носир Алавӣ, Сайид Ҳасани Газнавӣ, Анварӣ, Адиб Собир, Рашидуддини Ватвот, Амақ ва Рашидии Самарқандӣ барин адибон ҳамзамонони ӯ мебошанд [18, 450-465].

Аз миёни адабиётшиносони турк профессор Гёкҳан Гёкмен новобаста аз баъзе иштибоҳот дар мавриди омӯзиши ашъори шоир ба омӯзиши рӯзгор ва ашъори ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Турконхотун дар девони амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки дар дарбори сулолаи бузурги Салҷуқӣ Амир Муиззӣ (ваф. 518-521/1124-1127), ки бо унвони маликушшуароӣ зиёда аз ним аср фаъолият намудааст, аз лиҳози таъриху фарҳанги Салҷуқиён ҷойгоҳи муҳимеро доро мебошад. Девони Муиззӣ тақрибан 19000 байт буда, дар он шоир бахусус Маликшоҳ (ваф. 485/1092), Барқиёруқ (ваф. 498/1104), Санҷар (ваф. 552/1157) ва вазирону кабирону амалдорони дигари салҷуқиро ситоиш кардааст. Илова бар ин, яке аз чеҳраҳои ситоишкардааш модари султон Санҷар ва султон Муҳаммад Турконхотун (ваф. 487/1094) мебошад [6, 17-44].

Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ иштибоҳан Турконхотун ва Тоҷиддинхотунро ба ҳам омехтааст. Боиси зикр аст, ки Турконхотун (ваф. 487/1094) духтари хоқони Қарахониёни ғарбӣ Иброҳим ибни Насри Табғочхон (1040-1068) буд. Номи аслиаш маълум нест, Туркон тахаллуси ӯст. Аз ӯ ҳамчун Ҷалолияхотун (тибқи лақаби Маликшоҳ

«Ҷалолуд - давла вад-дин») низ ном мебурданд. Вай ҳамсари аввали султон Маликшоҳи I (ҳукмронии 1072-92) буд. Турконхотун аз Маликшоҳ се писар таваллуд кард, вале ду писари калонӣ дар замони зиндагии падар фавтиданд. Писари калонӣ Довуд соли 474 (1082), Аҳмад соли 481 (1088) вафот кард. Писари сеюмашон Маҳмуд соли 480 (1087) таваллуд шудааст.

Маликшоҳ ва Турконхотун духтаре низ доштанд бо номи Маҳмалик, ки соли 1087 бо халифа Ал-Муқтадӣ ба шавҳар баромад. Маҳмалик аз халифа писаре таваллуд менамояд, ки Абулфазл Ҷаъфар ном дошт. Аммо аллакай дар соли 481 (1088) хизматгорони турквзабони шоҳзодаро ба далели рафтори худ аз ҳарами халифа ронданд. Духтари Туркон аз беэътинории шавҳараш ба падару модараш шикоят кард ва Туркон ва Маликшоҳ аз халифа талаб карданд, ки Маҳмаликхотунро ба хонаи падару модараш фиристад. Дере нагузашта ба назди падару модараш баргашта, ҷавонзан фавтид.

Сайри девони ашъори Муиззӣ нишон медиҳад, ки шоир ба Турконхотун ва писарону духтари ӯ аз чӣ сабаб бошад, ки ягон шеъре набахшидааст ва он даҳ қасидае, ки, тибқи андешаи муҳаққиқ, ба Турконхотун равона гардидаанд, шоир онҳоро ба Тоҷиддинхотун бахшидааст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигараш зери унвони «Бонуи дарбори Салҷуқиён Маҳмаликхотун дар девони амирушшуарои сулолаи Салҷуқӣ Амир Муиззӣ» менависад, ки яке аз шахсиятҳо, ки Муиззӣ дар девони худ ситоиш кардааст ва дар бораи ӯ дар манобеи таърихӣ маълумоти кофӣ нест, Маҳмаликхотун (Бону Маҳмалик) (ваф. 487/1094), духтари Маликшоҳ бо Турконхотун мебошад [2, 1-14].

Дар ин ҷо низ муҳаққиқ ба иштибоҳ роҳ дода, Маҳмаликро бо Шоҳхотун омехтааст. Бояд қайд намоем, ки Шоҳхотун Сафия духтари Маликшоҳ аз завҷаи сеюми ӯ Тоҷиддинхотун ё худ Сафарияхотун мебошад, ки бо номи Бушалӣ низ маъруф аст ва яке аз канизони Маликшоҳ буд, ки баъдтар ҳамсари ӯ гардид ва ин ягона ҳолатест, ки салотини Салҷуқӣ ба канизак хонадор шудаанд. Сабаби Сафарияхотун лақаб гирифтани ӯро аз он медонанд, ки дар бисёр сафарҳо Маликшоҳро ҳамроҳӣ мекард. Вай модари султонҳо Муҳаммад Тапар ва Аҳмад Санҷар ва духтаре бо номи Шоҳхотун мебошад.

Муиззӣ ба Шоҳхотун - духтари Маликшоҳ ва Тоҷиддинхотун як қасида бахшидааст ва, исботи ин андеша он аст, ки дар қасида аз Шоҳхотуни Сафия ном мебарад. Қасидаи ба ӯ на аз 25 байт, тавре муҳаққиқ ишора менамояд, балки аз 27 байт иборат аст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Мақоми шоирони форсигӯ дар девони амирушшуаро Муиззӣ» бо баёни мухтасари рӯзгори Амир Муиззӣ ӯро аз шоирони барҷаста мешуморад ва илова менамояд, ки Амир Муиззӣ дар девони худ як зумра шоиронро аз қабили Шаҳиди Балхӣ (ваф. 927), Рӯдакӣ (ваф. 941), Дақиқӣ (ваф. 976-980), Фирдавсӣ (ваф. 1022-1026), Фаррухӣ (ваф. 1038), Унсурӣ (ваф. 1039-1040) ва чанде аз шоирони дигарро зикр ва ашъори бисёри онҳоро васф мекунад. Муиззӣ бештар ашъори Унсуриро зикр кардааст. Ӯ бештар Фирдавсӣ ва асари «Шоҳнома»-ро накуҳиш ва Асҷадии Марвазӣ (вафот 1040) ва Қатрони Тебрезӣ (пас аз марг 1089), Масъуд Саъди Салмон (ваф. 1121) ва инчунин Зайнабиро (ваф. асри 12) ситоиш кардааст.

Бо хулосагирӣ аз мақолаи мазкур метавон иброз намуд, ки тавре дида мешавад, амир Муиззӣ шоире буд, ки дар девони худ шеъри форсӣ менавишт ва дар ашъораш дар бораи бисёр шоирон ва ашъори онҳо нақл мекунад. Ба ҷуз Фирдавсӣ тамоми шоиронро васф кардааст. Ба девони худ ворид кардани шоирон, ки аз чеҳраҳои боистеъдод буданд, бисёр муҳим буд. Муиззӣ бо вуҷуди тавсифи шоирон дар баъзе ҳолатҳо ашъор ва сабки худро аз ашъори онҳо болотар медонад. Гётмен махсус қайд менамояд, ки Муиззӣ шоири боистеъдоди адабиёти хаттии форсист [7, 107-122].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ бо номи «Мақоми шоири дарбор амир Муиззӣ дар таърихи давлати Салҷуқиён» ишора менамояд, ки Салҷуқиёни бузург дар арсаи таърихи ҷаҳон мақоми муҳим доранд. Дар ашъоре, ки дар дарбори Салҷуқиён барои арбобони давлатӣ навишта шудааст, дар бораи Салҷуқиён маълумоти таърихӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад. Яке аз онҳое, ки таърихи ин давлатро хеле хуб баён кардааст, амир Муиззӣ (ваф. 518-521/1124-1127) мебошад. Ӯ тахминан 440/1048-1049 дар Нишопур таваллуд шуда, номи аслиаш Абуабдуллоҳ Мухаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ мебошад.

Дар девони Муиззӣ, ки шоири дарбори ҳам дар замони Маликшоҳ ва ҳам Санҷар ва шоҳиди воқеаҳои зиёди таърихии он давра буд, дар хусуси воқеаҳои таърихии замон ба таври муфассал сухан меравад ва ашъори ӯ метавонад ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар ашъори ӯ бисёр қасидаҳои марбут ба бисёр рӯйдодҳои муҳими таърихӣ, аз қабили ҷашнҳо низ вомехӯранд.

Дар маҷмуъ девони Муиззӣ ҳамчун шоири дарбории даврони бузурги Салҷуқиён сарчашмаи пур аз маълумоти таърихӣ ва ҳар як шеъри ӯ тақрибан дорои хусусияти сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра мебошад [4, 44-49].

Гёкҳан Гёкмен соли 2018 таҳтии унвони «Дунёи шеъри Муиззӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунад. Мавсуф дар қисмати якуми рисолаи мазкур дар хусуси рӯзгори Муиззӣ ва падараш Бурҳонӣ, шахсияти адабии ӯ, дар бораи эътиқоди динии ӯ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, ҳамзамонони ӯ маълумот медиҳад.

Дар қисмати дуюм дар баробари баъзе нусхаҳои қаламии девони шоир ва нашрҳои девони Муиззӣ, мундариҷаи девони Муиззӣ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, истилоҳоти туркӣ дар девон, шоирони форсигӯ ва арабизабон, ки Муиззӣ дар девонаш онҳоро ёд кардааст, осори ба мавзуи динӣ бахшидаи шоир, инъикоси шахсони таърихӣ, аз қабили салотини Салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон ва ҳодисаҳои муҳим дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисмати сеюм унвонҳо ва лақабҳои султонҳои салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисмати чорум номҳои қабилаҳои туркӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар бахши алоҳида интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ ва билохира дар рисолаи мазкур эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк баррасӣ мегардад.

Мутаассифона, дар рисолаи мазкур, ки аз тадқиқоти нисбатан муфассал роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори шоир дар адабиётшиносии турк ба шумор меравад, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ, маълумоти хеле кам омада, муаллиф таваҷҷуҳи худро бештар ба истилоҳоти туркӣ дар девон, инъикоси шахсиятҳои таърихӣ аз қабили салотини салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон, унвонҳо ва лақабҳои султонҳои салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён, интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ ва эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк равона кардааст [10].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Марсияҳои ба султон Меликшоҳ, Низомулмулк, Фахрулмулк, Туркон Хотун ва Муҷируддавла навиштаи Амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки девони Муиззӣ аз ашъоре иборат аст, ки барои султонҳо ва арбобони салҷуқӣ навишта шудааст. Аз ҷумла дар девони шоир 7 марсия мавҷуд аст, ки ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк, Фахрулмулк, Турконхотун ва писари Муҷидруддавла суруда шудаанд. Марсияҳое, ки амир Муиззӣ сурудааст, аз бисёр ҷиҳат пурмазмунанд. Дар ин марсияҳо хусусиятхои сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра низ инъикос ёфтааст. Дар

миёни ин ашъор масрияҳои ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшидашуда мақоми хоса доранд.

Гумон меравад, ки ин шеърҳо хусусияти умумии давраро инъикос мекунанд. Шубҳае нест, ки Муиззӣ ҳамаи инҳоро на танҳо ҳамчун шоири дарборӣ, балки ба сифати шоири замони худ ҳам дарк мекард. Ба қавли муҳаққиқ амир Муиззӣ, яке аз бонуфузтарин шоирони дарбори давлати Салҷуқиён ва мирсияҳои ӯ дорои ҳам аҳамияти таърихӣ ва ҳам аҳаммияти адабӣ мебошанд [3, 131-148].

Мавсуф дар мақолаи «Ситоиши Низомулмулк дар девони амирушшуаро Муиззӣ» менависад, ки дар девони Муиззӣ барои арбобони варзидаи даврони замонаш султон Маликшоҳ (ваф. 485/1092), султон Беркиёруқ (ваф. 498/1104), султон Муҳаммад Тапар (ваф. 511/1118) ва султон Санҷар (ваф. 552/1157) ашъори зиёде гирд оварда шудааст. Онҳо султонҳои бузурги Салҷуқӣ ҳастанд, ки Муиззӣ ситоиш кардааст.

Дар девон қасидаҳои зиёд, бахусус ба вазири маъруф Низомулмулк, писаронаш Фахрулмулк, Иззулмулк, Муайядулмулк, Имодулмулк ва дигарон вомехӯранд. Аз ҷумла ба Низомулмулк 17 мадҳия навиштааст (аз ин шумора 15 қасида дар мадҳи Низомулмулк ва 2 қасида дар марсияи ӯ навишта шудааст. Дар баробари ин Муиззӣ марсияе дорад зери унвони «Дар марсияи Маликшоҳ ва Хоҷа Низомулмулк», ки ба марги Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшида шудааст – Ҳ.Ф.), ки дар ин қасоид адолат, дониш, саховатмандӣ ва дигар хислатҳои бузурги Низомулмулк ситоиш ёфтаанд.

Дар маҷмуъ амир Муиззӣ дар бораи шинохту маҳорат, фазилат, хислатҳо ва шаҳодати Низомулмулк маълумоти муфассал медиҳад ва аз ин рӯ, ин қасидаҳо ҳам аз нигоҳӣ адабӣ ва ҳам аз нигоҳи таърихи сиёсӣ аз аҳамият холӣ нестанд [5, 421-442].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ зери унвони «Муиззӣ пешгоми ғазали форсии асри XI» Амир Муиззиро шоири бузурги дарбори Салҷуқиён мешуморад, ки ҳувияти аслии худро бо вижагиаш дар навиштани ашъор дар мавзуи ситоиш касб кардааст. Илова бар ин, дар бисёр китобҳои таърихи адабиёт аз Муиззӣ дар қатори пешоҳангони ғазали форсӣ ном бурда шудааст. Адабиётшиносон ва муаррихони адаби форс низ бар ин назаранд, ки Муиззӣ аз шоироне буд, ки пояҳои ғазали форсиро гузошта, дар рушди он бештар саҳм гузоштааст. Вақте мо ба баъзе ғазалҳои Муиззӣ назар мекунем, дар муқоиса бо шоирони пешин метавон гуфт, ки ӯ аз аввалин шоироне буд, ки ашъори тоза ва ғазали пухта ба миён овардааст. Зеро Муиззӣ бо навоварию фаҳмиш ба шакли назми ғазал аз шоирони замони худ фарқ мекунад. Муиззӣ, ки бо истифода аз мазмунҳои нав кӯшиш мекунад, ки бо ифшои маҳорати худ забони наверо ба кор барад ва дар назм бештар ба маънӣ аҳаммият диҳад, бо саҳли мумтанеъ тахайюлот ва вожаҳои густурдаи худро баён кардааст, махсусан ба ишқ ва таърих [11, 117-138].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар «Туркҳо ва дигарон» Муиззӣ ва Адиб Собирро шоирони туркзабон мешуморад, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд. Сипас илова менамояд, ки яке аз шахсоне, ки ин давлати Салҷуқиёнро аз ҷиҳати ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникӣ инъикос менамояд, шоир амир Муаззӣ (ваф. 518-521) мебошад. Дар ашъори Муиззӣ осори урфу одати туркҳоро пайдо кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар бораи қабилаҳои турк ва инчунин дар бораи қабилаҳои од, араб, форс, дайлам, арманӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва юнонӣ бисёр маълумоти пурмазмун пайдо кардан мумкин аст. Дар ин мақола ва иборахо дар бораи ин қабилаҳо тавассути мисолҳо маълумот пешкаш мегардад. Ба тариқи хулоса муҳаққиқ дар ин ҷуғрофиё фарҳанги туркҳо ва унсурҳои туркиро фарҳанги бартаридошта ҳисоб менамояд [9, 83-89].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар зери унвони «Як бонуи салҷуқӣ Тоҷиддинхотун дар девони Муиззӣ» зикр менамояд, ки дар девони Муиззӣ метавон дар бораи бисьёр воқеаҳо ва шахсиятҳои таърихӣ маълумот ба даст овард. Ҳамзамон, як шахсияти дигаре, ки Муиззӣ

дар девони худ ситоиш кардааст, Тоҷиддинхотун (ваф. 487/1094) модари султон Санҷар ва султон Муҳаммад мебошад. Дар девон барои Тоҷиддинхотун 10 қасидаи алоҳида суруда шудааст. Аз гуфтаҳои Муаззӣ маълум мешавад, ки Тоҷиддинхотун дар таърихи сулолаи Салҷуқиён шахсияти муҳим ва таъсирбахши таърихист ва дар самти сиёсию маъмурӣ ба писаронаш султон Санҷар ва султон Муҳаммад таъсири калон расонидааст. Дар асоси сурудаҳои Муиззӣ ҷиҳати хусусиятҳои характерноки Тоҷиддинхотун бисёр хулосаҳо ба даст овардан мумкин аст. Дар ин робита, мадҳияҳои Муиззиро дар бораи Тоҷиддинхотун метавон ҳамчун як сарчашмаи муфассал арзёбӣ кард [1, 25-46].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Интиқод ва таҳқири Фирдавсӣ ва ”Шоҳнома” дар девони амир Муиззӣ» асари «Шоҳнома»-и Фирдавсиро яке аз бузургтарин шеърҳои ҳамосавӣ дар таърихи форсизабонон мешуморад.

Дар баробари ин, ишора менамояд, ки Муиззӣ дар девони худ аз Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва қаҳрамонони «Шоҳнома» ёдовар шудааст. Шоир ҳангоми тавсифи бузургӣ ва муваффақияти султонҳо ва давлатмардони салҷуқӣ бо истифода аз санъати муболиға онҳоро бо шоҳони Эрон ва қаҳрамононе, ки дар «Шоҳнома» зикр шудаанд, муқоиса намуда, онҳоро бузург ва қаҳрамонони “Шоҳнома”-ро ҳақир мешуморад. Ӯ изҳор медорад, ки он чизе, ки Фирдавсӣ дар асараш гуфтааст, беасос ва афсона аст.

Муҳаққиқ бар он назар аст, ки таваҷҷуҳи Муиззӣ ба Фирдавсӣ, асари ӯ «Шоҳнома» ва, махсусан, изҳороти интиқодии ӯ, баъзан андешаҳои муболиғаомез дар бораи қаҳрамонони “Шоҳнома” аз он дарак медиҳад, ки шоири Салҷуқиёни бузург дар бораи туркҳо, султонҳои турк чи гуна ҳассосият дорад [8, 42-64].

Илова бар ин, олимони дигар низ роҷеъ ба рӯзгор ва осори амир Муиззӣ ибрози андеша кардаанд, аммо аксари андешаи эшон такрори гуфтаҳои боло мебошанд. Ҳамзамон, чунон ки ишора рафт, устод Гёкҳан Гётмен дар ду маврид ба иштибоҳ роҳ дода, мавриди аввал Турконхотунро бо Тоҷидинхотун ва дар мавриди дуюм Маҳмаликхотунро бо Шоҳхотун Сафия ба ҳам омезиш медиҳад ва ашъори ба Тоҷиддинхотун ва Шоҳхотун бахшидаи Муиззиро ба Турконхотун ва Маҳмаликхотун нисбат медиҳад.

Дар баробари ин, дар рисолаи «Дунёи шеъри Муиззӣ», ки метавон аз корҳои нисбатан мукаммали муҳаққиқони турк дар таҳқиқи рӯзгори Муиззӣ шумурд, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ, маълумоти хеле кам омада, муаллиф таваҷҷуҳи худро бештар ба истилоҳоти туркӣ дар девон, инъикоси шахсиятҳои таърихӣ аз қабили салотини салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон, унвонҳо ва лақабҳои султонҳои салҷуқӣ, одат, анъана, маросим, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён, интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ва эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк равона кардааст.

Аз ҷониби дигар баъзе муҳаққиқони турк аз ҷумла Аднан Қараисмоилоғлу аз ҷӣ бошад, ки шоирро турк номида, мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст ва муаллифони «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» низ дар бораи ӯ маълумот дода ишора менамоянд, ки шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Ҳол он ки мо девони ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте, ҳатто мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

## *ПАЙНАВИШТ*


1. *Gökmen, Gökhan. Mu‘izzî dîvâni’nda bir Selçuklu hâtunu:Tâceddîn hâtun / Gökhan Gökmen: Nüsha Şarkiyat Araştırmaları DergisiJournal of Oriental Studies Ocak-Haziran (January-June), 2020; (50). - ss. 25-46.*

2. *Gökmen, Gökhan. Büyük Selçuklu devleti saray şairi Emîr Mu'Izzî'nin dîvâni'nda Selçuklu Hâtunu Mâh Melek Hâtun / Gökhan Gökmen. Nüsha Şarkiyat Araştırmaları DergisiJournal of Oriental Studies Haziran-Aralık, 2018; (47). – ss.1-14.*
3. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu'izzî Dîvânı'nda Sultan Melikşâh, Nizâmülmülk, Fahrülmülk, Terken Hâtun ve Mucîrüddevle İçin Yazılan Mersiyeler / Gökhan Gökmen: Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 17: Bahar, 2019, Sayı 26. - ss.131-148.*
4. *Gökhan GÖKMEN. Büyük Selçuklu devleti tarihinde saray şairi Emîr Mu'izzî'nin önemi / Gökhan Gökmen: KARINCA.: Türk Kooperatifçilik Kurumu Basın, Yayın, Araştırma Danışmanlık ve Eğitim Hizmetleri İşletmesi Adına. 2018. ss. 44-49.*
5. *Gökmen, Gökhan. Emîrüşşü'arâ Mu'izzî dîvâni'nda Nizâmülmülk methiyeleri / Gökhan Gökmen: Bilge vezir Nizâmülmülk. – Konya, 2019. - 637 s., ss. 421-442.*
6. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu'izzî dîvâninda Terken Hâtun / Gökhan Gökmen: Doğu araştirmalari. - 2018, sayi 18, ss. 17- 44.*
7. *Gökhan Gökmen. Emîrüşşü'arâ Mu'izzî dîvâninda farsça şiir söyleyen şairlerin yeri/Gökhan Gökmen: Nüsha Şarkiyat Araştırmaları Dergisi.- 2018, (46). – ss.107-122.*
8. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu'izzî Dîvânı'nda Firdevsî ve Şehnâme'nin Eleştirilmesi ve Hakir Görülmesi / Gökhan Gökmen: Doğu Araştirmalari, Doğu Dil, Edebiyat, Tarih, Sanat ve Kültür Araştırmaları Dergisi, A Journal of Oriental Studies,Sayı/Issue. – İstanbul, 2021. - ss. 42-64.*
9. *Gökmen, Gökhan. Türkler ve Diğerleri / Gökhan Gökmen: Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 18. Bahar 2020, Sayı 28, ss.83-89.*
10. *Gökmen, Gökhan. Mu'izzî'nin şiir dünyasi / Gökhan Gökmen. Kirikkale üniversitesi-Ankara üniversitesi sosyal bilimler enstitüleri fars dili ve edebiyati ana bilim dali, 2018. - 546 s.*
11. *Gökmen, Gökhan. Mu'izzî: 11. Yüzyıl Farsça Gazelin Öncüsü / Gökhan Gökmen: Erdem, İnsan ve Toplum Bilimleri Dergisi, Sayi 76 • Haziran 2019, 269 s. - ss.117-138.*
12. *Karaismailoğlu, Adnan. Klasik Dönem Türk Şiiri İncelemeleri / Adnan Karaismailoğlu: Akçağ Yayınları. - Ankara, 2001. - 259 s.*
13. *Karaismailoğlu, Adnan. Mu'izzî / Adnan Karaismailoğlu: İslâm Ansiklopedisi, Türkiye Diyanet Vakfı Yayınları, 2006. - s.98-99.*
14. *Karaismailoğlu, Adnan. Nizâmülmülk döneminde kültür ve edebiyat. Bilge vezir Nizâmülmülk/ Adnan Karaismailoğlu: - Konya, 2019, 637 s. - c.411-420*
15. *Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu devri şiiri ve şair Mu'izzî / Adnan Karaismailoğlu: II.Uluslararası Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Sempozyumu. Selçuklularda bilim ve düşünce Bildiriler/Proceedings. - Konya, 2013. - c. 71-78.*
16. *Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu Sarayında Şiir ve Şair/ Adnan Karaismailoğlu: V. Milli Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Semineri. Bildirileri (25-26 Nisan 1995), 133-139 s.*
17. *Özgüdenli, Osman G. Büyük selçuklu sultanlarina ait farsça şiirler / Osman G. Özgüdenli Marmara Türkiyat Araştırmaları Dergisi. Cilt 1, Sayı 2, Sonbahar 2014. - ss. 39-67.*
18. *Temizel, Ali. Nizâmülmülk döneminde şair ve şiir / Ali Temizel. Bilge vezir Nizâmülmülk, Konya, 2019, 637 s., .ss. 450-465.*
19. *Yaman, Hakan. Mu'izzî'nin divaninda vezin türleri. Prosody Species in Muizzi's Diwan. Atatürk Üniversitesi Edebiyat Fakültesi Sosyal Bilimler Dergisi Journal of Social Sciences Sayı/Number 54, Haziran/June 2015, 43-48).*
20. *Yeşildurak, Efe. Sultan Sencer devri (1098-1157) Selçuklular'da ilmî ve fikrî hayat (yüksek lisans tezi)/ Efe Yeşildurak: - Kasim, 2022 - 328 s.*
21. *VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati. - Eskişehir, Ağustos 2018. - 199 s.*

***REFERENCES:***

1. *Adnan Karaismailoğlu. «Poetry and Poet in the Seljuk Court» / Adnan Karaismailoğlu: 5 th National Seljuk Culture and Civilization Seminar. Proceedings (April 25-26, 1995). – PP.133-139.*
2. *Adnan Karaismailoğlu. «Review of Turkish Poetry of the Classical Period» / Adnan Karaismailoğlu: Akçağ Publications. - Ankara, 2001. - 259 pp.*
3. *Adnan Karaismailoğlu. «Encyclopedia of Islam» / Adnan Karaismailoğlu: Encyclopedia of Islam, Türkiye Diyanet Vakfı Yayınları, 2006. - PP. 98-99.*
4. *Adnan Karaismailoğlu. «Seljuk Period Poem and Poet Mu'izzi» / Adnan Karaismailoğlu: II. International Seljuk Culture and Civilization Symposium. Science and thought in the Seljuks. Proceedings. - Konya, 2013. - PP. 71-78.*
5. *Adnan Karaismailoğlu. «Culture and Literature in the Nizamulmulk Period» / Adnan Karaismailoğlu. Wise vizier Nizamulmulk, Konya, 2019, 637 pp. - PP. 411-420*
6. *Ali Temizel. «Poet and Poetry in the Period of Nizamulmulk» / Ali Temizel. Wise vizier Nizamulmulk, Konya, 2019, 637 pp. - PP. 450-465.*
7. *Osman G. ÖZGÜDENLİ. «Persian Poems of Saljuq Sultans» / Osman G. Özgüdenli Marmara Turkish Research Journal. Volume 1, Issue 2, Autumn 2014. - PP. 39-67.*
8. *Efe Yeşildurak. «Scientific Life in The Sultan Sanjar Period Seljuks (1098- 1157)» / Efe Yeşildurak: - November, 2022 - 328 pp.*
9. *Hakan Yaman. «Prosody Species in Mu'izzi's Diwan» / Yaman, Hakan. Atatürk University Faculty of Letters Journal of Social Sciences Journal of Social Sciences Issue/Number 54, June 2015. – PP. 43-48.*
10. *«Turkish Literature in the VIII-XIII Centuries» / Eskişehir, August 2018. - 199 pp.*
11. *Gökhan Gökmen. «Terken hātun in the dīwān of Amīr Mu'izzi» / Gökhan Gökmen: Eastern studies. - 2018, issue 18, PP. 17- 44.*
12. *Gökhan Gökmen. «Seljukian Lady Māh Malak Hātun in the Dīwān of the Great Seljuk Laureate Amīr Mu'izzi» / Gokhan Gokmen. Nüsha Journal of Oriental Studies Journal of Oriental Studies June-December, 2018; (47). – PP.1-14.*
13. *Gökhan Gökmen. «The Place of Persian Poets in The Diwan of Mu'izzi» / Gökhan Gökmen. Nüsha Journal of Oriental Studies. - 2018, (46). – PP.107-122.*
14. *Gökhan Gökmen. «The Status of Court Poet Amir Muizzi in the History of the Seljuk State» / Gökhan Gökmen. KARINCA: On Behalf of the Turkish Cooperative Institution Press, Publication, Research Consultancy and Education Services Enterprise. 2018. - PP. 44-49.*
15. *Gökhan Gökmen. « The Poetry of Amīr Mu'izzi» / Gokhan Gokmen. Kirikkale University-Ankara University Social Sciences Institutes Department of Persian Language and Literature, 2018. - 546 pp.*
16. *Gökhan Gökmen. «Elegies Written for Sultan Malekshāh, Nizām al-Mulk, Fahr al-Mulk, Terken Khātun (Lady Terken), Mucīr al-Davla in Amīr Mu'izzi's Dīwān» / Gökhan Gökmen. Çanakkale Research Turkish Yearbook. Year 17: Spring, 2019, Issue 26. - PP.131-148.*
17. *Gökhan Gökmen. «The praise of Nizamulmulk in the court of Amirushshuaro Mu'izzi» / Gökhan Gökmen. Wise vizier Nizamülmülk. – Konya, 2019. - 637 pp., PP. 421-442.*
18. *Gökhan Gökmen. «Mu'izzi: Pioneer of Persian Ode in the 11th Century» / Gökhan Gökmen: Erdem, Journal of Humanities and Social Sciences, Issue 76 • June 2019, 269 p. - pp.117-138.*
19. *Gökhan Gökmen. «Turks and The Others» / Gökhan Gökmen. Çanakkale Research Turkish Yearbook. Year 18. Spring 2020, Issue 28, PP.83-89.*
20. *Gökhan Gökmen. «A Seljuk Woman in the Dīwān of Mu'izzi: Tāc al-Dīn Hātun»./ Gökhan Gökmen. Nüsha Journal of Oriental Studies January-June (January-June), 2020; (50). - PP. 25-46.*
21. *Gökhan Gökmen. «Criticism and despising of Ferdowsī and Shah nāma Amīr Mu'izzi» / Gökhan Gökmen. Doğu Araştirmalari, Eastern Language, Literature, History, Art and Culture Research Journal, A Journal of Oriental Studies, Issue/Issue. – Istanbul, 2021. - PP. 42-64.*